**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 20-уми феврали соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии **6D.KOA-004** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайруллоро дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон, пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ– доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шамсов Илёсҷон Сафарович; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» **Ашуров Ихтиёр Саидович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» **Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи самти ихтисос докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Ғаниев Т.Б., Одинаев Ҳ.А. ва Султонов З., натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо назардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшуда таҳия карда шудааст, ба инобат гирифта,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Бобохонзода Раҷабалӣ Хайруллоро дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии механизми ҳифзи бозори дохилӣ дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон, пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Ба Бобохонзода Раҷабалӣ Хайрулло дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14-Иқтисодиёти ҷаҳон дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Бобохонзода Раҷабалӣ Хайруллоро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Иҷозат диҳед, унвонҷӯйро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

***20-уми феврали соли 2021***